«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ. Х.
_______________
«___» _____________ 2020

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **“Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) **аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – “Филология”** дар кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна соли 2015 ба шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2019 хатм кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2019 ба ҳайси мудири кабинет дар кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ фаъолият дорад. Ӯ соли 2012 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Соли 2012-2014 шуъбаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро мувофиқи созишномаи ҳаммуштаракӣ бо Донишгоҳи дӯстии халқҳои шаҳри Москваи Федератсияи Русия аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти рус хатм намудааст.

Соли 2015 ба докторантураи ДМТ аз рӯйи ихтисоси **6D020500 – “Филология”** ҳуҷҷат супорида, маълумотномаи академиро оид ба фанҳои азбарнамуда ва супоридани имтиҳонҳои маҷмӯӣ (комплексӣ) соли 2019 гирифтааст.

Мушовирони илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм; доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ Шарипова Фарангис Худоиевна.

Мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷики ДМТ санаи 04.12.2015, таҳти № 3 тасдиқ шудааст.

Аз муҳокимаи диссертатсия ҷаласаи муштараки кафедраҳо чунин хулоса кард:

Онтолингвистика бахше аз илми забоншиносӣ ташаккул ва шаклгирии нутқ ва фаъолияти гуфториро дар кӯдакони аз синни якмоҳа то ба синни 6-солагӣ меомӯзад. Илми онтолингвистика ҳамчун яке аз илмҳои нав дар кишварҳои гуногун омӯхта шудааст, вале ташаккул ва шаклгирии нутқ то ҳанӯз аз ҷониби олимони тоҷик ба ҳайси мавзӯи мубрами илмӣ матраҳ

нагардидааст. Диссертатсияи доктории М.Х. Сайдалиева дар забоншиносии тоҷик мавзӯи нав ва муҳиму мубрам буда, бо таҳлилу таҳқиқи шаклгирии лингвистии нутқи кӯдак, заминаҳои ташаккули низоми фонетикӣ-фонологӣ, луғавӣ ва сарфию наҳвии кӯдакони дар муҳити забони тоҷикӣ бавоярасидаро фаро мегирад. Аз диссертатсияи мазкур бармеояд, ки ташаккули нутқи кӯдак зинаҳои муайян дорад ва ҳамаи кӯдакон ин зинаҳоро мегузаранд, вале нишонаҳои умумӣ ва фардии кӯдакон дар ҳар як марҳилаи инкишофи нутқ гуногун мебошад.

Мақсади омӯзишу пажӯҳиши шаклгирии нутқи кӯдакон дар муҳити забони тоҷикӣ ва шарҳи лингвистии таркиби он мебошад. Вазифаҳои асосии кори диссертатсионии мазкур шинохти илми онтолингвистика (онтогенез) ҳамчун шохае аз илми забоншиносӣ, омӯзиши заминаҳои шаклгирии нутқи кӯдак ва фарогирии забони модарӣ аз ҷониби кӯдакони синни томактабӣ дар таҳқиқи муҳаққиқон, аз ҷумла адабиёти ҷаҳон ва осори донишмандони форсу тоҷик ва муайян намудани омилҳои ташаккули нутқи кӯдак ва зинаҳои ташаккули он, пажӯҳиши хусусиятҳои таркиби ибтидоии луғавии кӯдакон ва баррасии роҳҳои фароянди дастури забон, вижагиҳои наҳвии нутқи кӯдакон мебошад.

Диссертант дар раванди таҳқиқ аз методи таҳлилӣ, тасвирӣ ва барои муайян кардани тарзи муоширати кӯдакон ва фарқи фарогирии як забон аз ҷониби кӯдакон аз усули тасвирӣ-муқоисавӣ истифода намудааст. Ҳамчунин дар мавриди таҳқиқи калимаҳои кӯдакона усули оморӣ низ ба кор бурда шудааст.

**Нововарии таҳқиқ** дар он аст, ки бори нахуст шаклгирии нутқи кӯдак ба таври густурда ва бунёдӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия раванди ташаккули нутқи кӯдак аз таваллуд то 6-солагӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Вижагиҳо нутқи кӯдак, махсусан то давраи яксолагӣ чун садову овозҳои навзодӣ, такрори ҳиҷоҳо ба ҳайси калима дар нутқи кӯдак нишон дода шудааст.

Омӯзишу таҳлили шаклгирии нутқи кӯдак дар онтолингвистикаи тоҷик метавонад заминаи илмиву воқеӣ гузорад. Аз ин сабаб натиҷаи илмӣ, тавсияву пешниҳодҳо, ки дар диссертатсия доир ба ҷанбаҳои гуногуни масъалаи мавриди омӯзиш ҳосил шудааст, ҳам аҳамияти назарӣ ва ҳам арзиши тарбиявӣ дошта, барои омӯзиш ва кӯмак ба инкишофи нутқи кӯдак саҳмгузор бошад.

Нукоти асосии диссертатсия дар ҳамоишу конференсияҳои сатҳи донишгоҳӣ ва ҷумҳурӣ (2015-2020) баён гаштаанд.

Мазмуни асосии диссертатсияро 4 мақола дар маҷаллаҳои таъйидшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

1. Сайидалиева М. Ташаккули нутқи кӯдак / М. Сайдалиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2016, – №4/7(217). – С.111-116.

2. Сайдалиева М. Шаклгирии ҳамсадоҳо дар нутқи кӯдак / М. Сайдалиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2017, – №4/1. – С.144-149.

3. Сайдалиева М. Калима – манбаи ташаккули нутқи кӯдак / М. Сайдалиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2018, – №3. – С.59-63.

4. Сайдалиева М. Шаклгирии феъл дар нутқи кӯдакон / М. Сайдалиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2018, – №7. – С.160-164.

Диссертатсия кори илмии баанҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – **«Филология»** мувофиқ аст.

Кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ диссертатсияи Сайдалиева Муҳайёро кори илмии баанҷомрасидаи муҳиму мубраме меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шудааст ва ба ҳамаи талаботҳои кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст.

Дар ин замина, диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – «Филология» барои дарёфти дараҷаи доктор Ph.D тавсия менамояд.

Иштирок дошт: 10 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 10 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест,

Қарори №5 аз 12.04. 2020

Мудири кафедраи таърихи забон ва типология, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж. Б.

Котиби илмӣ: Муслимзода Ҳ.

Имзои Ж. Гулназарова ва Ҳ. Муслимзодаро тасдиқ менамоям.

«Тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.

Суроға:
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
www.tnu.tj тел: (992) 8342264715